# НАШРИЯИ
# СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ
# ТОҶИКИСТОН

**№ 2, апрел – июн 2024**

Душанбе-2024

Исполнитель:

Нашрияи мазкур бо дастгирии Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и GIZ (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) нашр шудааст.

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) барномаи мазкурро бо супориши Вазорати федералии ҳамкорӣ ва рушди Олмон (BMZ) иҷро менамояд.

Хулосаҳо, ақидаҳо ва шарҳу тафсирҳо дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, бе ягон шарт мавқеи GIZ ё BMZ-ро инъикос наменамоянд.

Барои ройгон (бепул) паҳн намудан пешбинӣ шудааст.

* * *

Данное издание было опубликовано при поддержки Программы GIZ «Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии».

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit(GIZ) GmbH (Германское общество по международному сотрудничеству) осуществляет эту программу по заказу Федерального министерства экономического сотрудничества и развития Германии (BMZ).

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию GIZ или BMZ.

Предназначено для бесплатного распространения.

| | |
|---|---|
| **Сармуҳаррир –** | Шермуҳаммад Шоҳиён – Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Ҳайати таҳририя:**<br>**Лутфуллозода Ш.–** | муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Исҳоқӣ А.Н. –** | муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Раҳмонзода С.С. –** | муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – раиси коллегияи ҳарбӣ |
| **Ализода Ш.Ш. –** | раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Ҳаким Р.А. –** | раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Азиззода З.Н. –** | раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Тағозода А.С. –** | раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Пӯлодӣ М.К. –** | котиби Пленум, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

# МУНДАРИҶА

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Дар бораи танзими ҷашну маросим
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон....................................................6

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Дар бораи масъулият барои
таълиму тарбияи кӯдак........................................................20

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Дар бораи ворид намудани тағйиру
иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии
Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................................................42

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Дар бораи ворид намудани тағйирот
ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии
маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон......................................45

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Оид ба ворид намудани тағйиру
иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии
Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»........................................51

**Ҷамъбасти**
амалияи судӣ оид ба баррасии
парвандаҳои ҳуқуқвайронкнии
маъмурӣ вобаста ба иҷро накардани
ухдадориҳои парасторӣ, таълим ва
тарбияи ноболиғон бо моддаҳои 90-93
Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии
Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................53

**Ҷамъбасти**
сабабҳои бекоршавии санадҳои
судӣ оид ба парвандаҳои
ҳуқуқвайронкунии
маъмурӣ........................................................................67

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ТАНЗИМИ ҶАШНУ МАРОСИМ
# ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қонуни мазкур тартиби гузарондани ҷашну маросимро муайян карда, ба ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ, пешгирии хурофоту таассуб, баланд бардоштани маънавиёт ва сатҳи иҷтимоию иқтисодии мардуми Тоҷикистон равона гардидааст.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) маросим - маҷмуи амалҳои рамзӣ ва анъанавӣ, ки муносибати шахс ва гурӯҳҳои иҷтимоиро ба падидаҳои муҳимми ҳаёти фарҳангии ҷомеа ифода менамояд;

2) ҷашн - таҷлили рӯйдодҳо ва ё санаҳои таърихию фарҳангӣ, ҷамъиятӣ, касбӣ ва оилавӣ.

### Моддаи 2. Доираи амали Қонуни мазкур

1. Қонуни мазкур нисбат ба мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, сарфи назар аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликият, ҳамчунин ба шахсони воқеӣ, новобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодии онҳо, татбиқ мегардад.

2. Намояндагони миллату халқиятҳо ва дину мазҳабҳои дигар ҷашну маросими худро дар асоси расму оинҳои худ метавонанд гузаронанд. Онҳо ҷашну маросими дар Қонуни мазкур пешбинишударо бо риояи муқаррароти ҳамин Қонун мегузаронанд.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

## БОБИ 2. САЛОҲИЯТ ВА ВАКОЛАТҲОИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ ОИД БА ТАНЗИМИ ҶАШНУ МАРОСИМ

**Моддаи 4. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими ҷашну маросим**

1. Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими ҷашну маросим мансубанд:

1) пешбурди сиёсати давлатӣ оид ба танзими ҷашну маросим;

2) муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими ҷашну маросим;

3) тасдиқи низомномаи намунавии комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими ҷашну маросим;

4) тасдиқи низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими ҷашну маросим;

5) тасдиқи тартиби сафари шаҳрвандон барои адои ҳаҷ ва умра;

6) қабули қарор дар бораи дар сатҳи давлатӣ ҷашн гирифтани санаи таъсиси корхона, муассиса ва ташкилотҳои давлатии дигар, ҳамчунин зодрӯз ва ёдбуди шахсоне, ки ба давлат ва ҷамъият хизматҳои шоиста кардаанд;

7) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Дар ҳолатҳои истисноӣ бо риояи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми вазъияти фавқулода, пандемияи бемориҳои сироятӣ, ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад чораҳои маҳдудкунандаро оид ба гузарондани ҷашну маросим муқаррар намояд.

**Моддаи 5. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими ҷашну маросим**

Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими ҷашну маросим мансубанд:

1) амалигардонии сиёсати давлатӣ оид ба танзими ҷашну маросим;

2) таҳияи лоиҳаи қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими ҷашну маросим;

3) тасдиқи тартиби гузарондани маросими дафну азодорӣ;

4) ташкили сафари шаҳрвандон барои адои ҳаҷ ва умра;

5) шарҳу тавзеҳ додани масъалаҳо оид ба танзими ҷашну маросим;

6) назорати иҷрои талаботи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҷашну маросим;

7) андешидани чораҳо ҷиҳати таъмини риояи талаботи Қонуни мазкур;

8) додани тавсияҳо ҷиҳати дуруст амалӣ кардани корҳои хайриявӣ ва эҳсонкорӣ;

9) андешидани тадбирҳо ҷиҳати аз байн бурдани хурофоту таассуб;

10) андешидани тадбирҳо ҷиҳати пешгирии зиёдаравию исрофкорӣ дар баргузории ҷашну маросим;

11) андешидани тадбирҳо ҷиҳати пешгирии ақди никоҳи бармаҳал ва ғайрирасмӣ;

12) таъмини ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ оид ба танзими ҷашну маросим ва ташкили корҳои маърифатию тарғиботӣ дар байни аҳолӣ;

13) таблиғи адабиёти илмию оммавӣ оид ба танзими ҷашну маросим;

14) дархости маълумот дар бораи иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими ҷашну маросим аз вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими ҷашну маросим, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, сарфи назар аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликият;

15) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 6. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба танзими ҷашну маросим**

Ба ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба танзими ҷашну маросим мансубанд:

1) иштирок дар амалигардонии сиёсати давлатӣ оид ба танзими ҷашну маросим;

2) андешидани чораҳо ҷиҳати таъмини риояи талаботи Қонуни мазкур;

3) таъмини ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ оид ба танзими ҷашну маросим ва ташкили корҳои маърифатию тарғиботӣ дар байни аҳолӣ;

4) иштирок дар таблиғи адабиёти илмию оммавӣ оид ба танзими ҷашну маросим;

5) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 7. Комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими ҷашну маросим**

1. Ҷиҳати амалӣ намудани Қонуни мазкур дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими ҷашну маросим таъсис дода мешаванд.

2. Ба ваколатҳои комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими ҷашну маросим мансубанд:

1) иштирок дар амалигардонии сиёсати давлатӣ оид ба танзими ҷашну маросим;

2) шарҳу тавзеҳ додани масъалаҳо оид ба танзими ҷашну маросим;

3) ба ҳисоб гирифтани тӯйи домодию арӯсӣ ва маросими азодорӣ дар асоси муроҷиатҳои хаттӣ ва электронии шахсони воқеӣ, инчунин пешбурди омор дар ин самт;

4) андешидани чораҳо ҷиҳати таъмини риояи талаботи Қонуни мазкур;

5) расонидани ёрии амалӣ ба раисони маҳаллаҳо ва шахсони ҳуқуқӣ дар танзими ҷашну маросим;

6) додани тавсияҳо ҷиҳати дуруст сафарбар кардани корҳои хайриявӣ ва эҳсонкорӣ;

7) андешидани чораҳо ҷиҳати аз байн бурдани хурофоту таассуб;

8) додани тавсияҳо ҷиҳати пешгирии зиёдаравию исрофкорӣ дар баргузории ҷашну маросим;

9) андешидани чораҳо ҷиҳати пешгирии акди никоҳи бармаҳал ва ғайрирасмӣ;

10) таъмини ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ оид ба танзими ҷашну маросим ва ташкили корҳои маърифатию тарғиботӣ дар байни аҳолӣ;

11) иштирок дар таблиғи адабиёти илмию оммавӣ оид ба танзими ҷашну маросим;

12) дархости маълумот дар бораи иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими ҷашну маросим аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, сарфи назар аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликият;

13) амалӣ намудани ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Низомномаи комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими ҷашну маросим, ки дар асоси низомномаи намунавии комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими ҷашну маросим таҳия шудааст, аз ҷониби маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоати шаҳраку деҳот тасдиқ карда мешавад.

4. Аъзои комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими ҷашну маросим дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда, ҳуқуқ надоранд ба рафти гузарондани ҷашну маросим монеъ гарданд.

**Моддаи 8. Комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими ҷашну маросим**

1. Дар вазорату идораҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, сарфи назар аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликияташон, ки дар онҳо на камтар аз 30 нафар корманд фаъолият мекунад, комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими ҷашну маросим таъсис дода мешаванд.

2. Фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими ҷашну маросим тибқи Қонуни мазкур ва низомнома, ки дар асоси низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими ҷашну маросим таҳия ва аз ҷониби роҳбарони вазорату идораҳо, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар тасдиқ карда мешавад, ба роҳ монда мешавад.

3. Комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими ҷашну маросим риояи талаботи Қонуни мазкурро аз ҷониби кормандони вазорату идораҳо, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, ки дар онҳо таъсис дода шудаанд, назорат намуда, ҷиҳати пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар ин самт чораҳои зарурӣ меандешанд.

4. Дар сурати риоя накардани талаботи Қонуни мазкур комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими ҷашну маросим дар муҳлати то се рӯз ба мақоми ваколатдор ва ё комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими ҷашну маросим дар ин бора хабар медиҳанд.

## БОБИ 3. ТАНЗИМИ ҶАШНУ МАРОСИМ

**Моддаи 9. Ҷашнҳои расмӣ**

1. Ҷашни Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Иди байналмилалии Наврӯз, Иди

Меҳргон, Иди Сада, Иди Рамазон, Иди Қурбон ва идҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

2. Дар рӯзҳои Иди Рамазон ва Иди Қурбон дастархони камхарҷи идона ороста шуда, исрофкорӣ, зиёдаравӣ, тақдими ширинӣ ва туҳфаҳои дигар (идгардак) манъ аст.

**Моддаи 10. Зодрӯз**

Ҷашни зодрӯз ба таври ихтиёрӣ танҳо дар доираи оила гузаронда мешавад.

**Моддаи 11. Хатнасур ва маросими дигари вобаста ба таваллуди кӯдак**

1. Маъракаҳои номгузорӣ, гаҳворабандон, чиллагурезон, мӯйсаргирони тифл ва маъракаҳои дигари вобаста ба таваллуди кӯдак дар доираи оила, бе забҳи чорво ва хизматрасонии ҳунармандон баргузор карда мешаванд.

2. Маросими хатнасур ба таври ихтиёрӣ танҳо дар доираи оила ва бе хизматрасонии ҳунармандон гузаронда мешавад.

3. Хатна бо розигии падару модар дар давоми як моҳи баъди таваллуди писар дар муассисаҳои тиббии дахлдор бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ба таври ройгон гузаронда мешавад.

4. Гузарондани маъракаи ақиқа манъ аст.

**Моддаи 12. Тӯйи домодию арӯсӣ**

1. Тӯйи домодию арӯсӣ бо гузарондани на зиёда аз ду маърака ва дар давоми на бештар аз ду рӯз ба таври ихтиёрӣ бо оростани зиёфат барои то 150 нафар ва додани

оши тӯй барои то 200 нафар аз ҳисоби ҳар ду ҷониб гузаронда мешавад.

2. Ташкили маъракаҳои фотиҳаи тӯй, маслиҳатошӣ, идонабарӣ, сандуқбарон, сарупобинон, чойгаштак, раисталбон, қудоталбон, ноншиканон, хонакашон, модарталбон, падарталбон, рӯйбинон, чодарканон, муборакбодӣ, шаҳтозон (роҳбандон), тақдими сарупо барои меҳмонони тарафҳо ва хешу табори домоду арӯс ва маъракаҳои дигари бо тӯйи домодию арӯсӣ алоқаманд, ба истисной тақдими тухфаҳо барои домоду арӯс ва падару модари онҳо, манъ мебошанд.

3. Маросими домодталбон ва арӯсбинон ба таври ихтиёрӣ дар доираи оила бо иштироки то 15 нафар гузаронда мешаванд.

4. Падару модари домоду арӯс ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда бо маслиҳати тарафҳо метавонанд ба ҷойи додани зиёфат ё оши тӯй маблағи онро ҷиҳати беҳтар гардондани шароити зиндагии навхонадорон ё барои корҳои хайриявию эҳсонконӣ, аз ҷумла таъмири роҳ, кашидани хатти об, сохтмон ва ё таъмири иншооти иҷтимоӣ ва пулҳо, сарф намоянд.

5. Гусели арӯсу домод бо истифодаи на бештар аз 4 автомошинаи сабукрав гузаронда мешавад.

6. Маросими бақайдгирии давлатии ақди никоҳ аз ҷониби мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва мақомоти дигари дахлдор амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 13. Маросими ҳаҷ ва умра**

1. Маъракаҳои гуселу пешвоз вобаста ба адои ҳаҷ ва ё умра дар доираи оила гузаронда мешаванд.

2. Ташкили маъракаҳои ҳоҷизиёрат, ҳоҷиталбон, ҳоҷиошӣ ва маъракаҳои дигар, инчунин тақсими тухфаҳо,

идона оро додани ҳавлӣ, кӯчаву маҳалла ва мошинҳо ба хотири ҳаҷ ва ё умра манъ аст.

3. Ҳоҷиён ва умракунандагон ба ҷойи маъракаҳои дар қисми 2 моддаи мазкур манъшуда метавонанд корҳои хайриявию эҳсонкорӣ, аз ҷумла таъмири роҳ, кашидани хатти об, сохтмон ва ё таъмири иншооти иҷтимоӣ ва пулҳоро анҷом диҳанд.

**Моддаи 14. Маросими дафну азодорӣ**

1. Маросими ҷаноза бе маҳдудияти шумораи иштироккунандагон сурат мегирад.

2. Маросими се, чил ва сол бе забҳи чорво ва додани таом гузаронда мешаванд.

3. Дар маросими дафну азодорӣ забҳи чорво ва додани таом, ташкили оши сари тахта, душанбегӣ, ҷумъагӣ, ҳафт, бист, шашмоҳагӣ, ҳамчунин додани пули нақд ва ашёи дигар, ба истисноӣ ҳаққи хизмати қабркан ва мурдашӯй, манъ мебошанд.

**Моддаи 15. Ҷойи баргузории ҷашну маросим**

1. Ҷашну маросим дар майдончаҳо (ҳавлиҳо)-и назди биноҳои истиқоматӣ, дохили манзили истиқоматӣ, тарабхона, қаҳвахона, ошхона ё тӯйхонаҳо бо риояи тартиботи ҷамъиятӣ гузаронда мешаванд.

2. Маросими мавлудхонӣ ба таври ихтиёрӣ танҳо дар масҷидҳо бе ҷамъоварӣ ва додани маблағи пулӣ ва таом сурат мегирад.

**Моддаи 16. Вақт ва давомнокии баргузории ҷашну маросим**

1. Тӯю маъракаҳо дар шаҳрҳо дар рӯзҳои истироҳатӣ аз соати 8 то соати 22 ва дар рӯзҳои корӣ аз соати 18 то соати 22, дар шаҳраку деҳот (аз ҷумла шаҳраку деҳоти

тобеи шаҳр) дар рӯзҳои истироҳатӣ аз 1 апрел то 31 октябр аз соати 6 то соати 22, аз 1 ноябр то 31 март аз соати 8 то соати 22 ва дар рӯзҳои корӣ аз соати 18 то соати 22 гузаронда мешаванд.

2. Давомнокии тӯю маъракаҳо то се соат муқаррар карда мешавад.

## БОБИ 4. ТАРТИБИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ҶАШНУ МАРОСИМ

**Моддаи 17. Тартиби хизматрасонӣ дар ҷашну маросим**

1. Хизматрасонии ҳунармандон дар тӯю маъракаҳо дар асоси шартномаи хаттии тарафҳо бо риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

2. Маъмурияти тарабхона, қаҳвахона, ошхона ва тӯйхонаҳо уҳдадоранд хизматрасонии тӯю маъракаҳоро дар асоси шартномаи хаттии тарафҳо ба роҳ монда, ҳангоми баргузории тӯю маъракаҳо талаботи Қонуни мазкурро вобаста ба шумораи даъватшудагон ва вақти баргузории онҳо риоя намоянд.

## БОБИ 5. УҲДАДОРИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚӢ, ИНЧУНИН ҶАЛБИ АҲЛИ ҶОМЕА ҲАНГОМИ ГУЗАРОНДАНИ ҶАШНУ МАРОСИМ

**Моддаи 18. Уҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми гузарондани ҷашну маросим**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадоранд ҷашну маросимро бо риояи талаботи Қонуни мазкур баргузор карда, комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими ҷашну маросимро доир ба барпосозии тӯйи домодию арӯсӣ ва маросими азодорӣ хабардор намоянд.

2. Оростани зиёфат ба муносибати таъин шудан ба мансаби давлатӣ, гирифтани мукофоти давлатӣ, рутба, унвон, ҷоиза, мукофоти дигар, дараҷа ва унвонҳои илмию тахассусӣ манъ аст.

3. Дар ҷашну маърака пошидан ва часпондани пул манъ аст.

4. Сархатибон, имомхатибон, имомҳои масҷидҳои панҷвақта, ходимони ғайрирасмии динӣ, раисони маҳаллаҳо ва роҳбарони мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ барои риояи талаботи Қонуни мазкур дар ҳудуди деҳаю маҳалли истиқомат ва ё фаъолият масъулият доранд.

5. Шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд рукнҳои фарҳанги миллӣ, аз ҷумла забони давлатӣ ва пӯшидани либосҳои миллиро риоя намоянд. Воридот, фурӯш, тарғиби либосҳои ба фарҳанги миллӣ бегона, инчунин дар ҷойҳои ҷамъиятӣ пӯшидани чунин либосҳо манъ мебошанд.

**Моддаи 19. Ҷалби аҳли ҷомеа ҳангоми гузаронидани тӯю маъракаҳо**

Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба танзими ҷашну маросим, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот метавонанд иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва диниро ҷиҳати гузарондани чорабиниҳои омӯзишӣ ва маърифатӣ оид ба таъмини риояи талаботи Қонуни мазкур, аз ҷумла пешгирии зиёдаравию исрофкорӣ дар баргузории ҷашну маросим, ақди никоҳи бармаҳал ва ғайрирасмӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар дар ин самт, ҷалб намоянд.

## БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 20. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

2. Аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, амният, корҳои дохилӣ, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, андоз ва гумрук, кормандони мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ, аъзои комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими ҷашну маросим, хизматчиёни давлатӣ, шахсони мансабдори дигари давлатӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур аз ҷониби онҳо ё фарзандонашон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мансаб озод карда мешаванд.

### Моддаи 21. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 июни соли 2007 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №6, мод. 428; с. 2008, №6, мод. 448; с. 2010, №7, мод. 568; с. 2017, №5, қ.1, мод. 285, №7- 9, мод. 580; с.2021, №6, мод.392) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 22. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**20 июни соли 2024, № 2048**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

Қонуни мазкур муносибатҳоро оид ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак бо мақсади таълиму тарбияи кӯдак дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ танзим намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона гардидааст.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) вақти шабона - аз 1 апрел то 30 сентябр - аз соати 22:00 то соати 06:00 ва аз 1 октябр то 31 март - аз соати 20:00 то соати 06:00;

2) кӯдак - шахсе, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидааст;

3) марказҳои дилхушӣ - клубҳои шабона, дискоклубҳо, толорҳои букмекерӣ ва марказҳои бозиҳои бурднок;

4) масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак - уҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар раванди таълиму тарбияи кӯдак;

5) тарбия - раванди ҳадафмандонаи ба воя расондани кӯдак аз ҷониби падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ;

6) таълим - фаъолияти муштараки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), омӯзгор ва муассисаи таълимӣ барои инкишофи кӯдак, донишомӯзӣ, такмили

истеъдод, маҳорат, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии ӯ;

7) шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд - васӣ, парастор, шахсоне, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунанд, намояндагони дигари қонунии онҳо, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигаре, ки кӯдак воқеан таҳти таълиму тарбияи онҳо қарор дорад.

**Моддаи 2. Доираи амали Қонуни мазкур**

Амали Қонуни мазкур нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба маҳалли истиқомати онҳо, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд ва шахсони ҳуқуқӣ, новобаста ба шакли моликият, татбиқ мегардад, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, тартиби дигарро муқаррар накарда бошанд.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 4. Принсипҳои масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак**

Масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) эҳтироми кӯдак, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ;

2) таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдак;

3) қонуният;

4) адолат;

5) инсондӯстӣ;

6) муносибати инфиродӣ ба таълиму тарбияи кӯдак, аз ҷумла кӯдаки дар вазъияти номусоиди иҷтимоӣ қарордошта;

7) пешгирии зӯроварӣ нисбат ба кӯдак;

8) иштироки аҳли ҷомеа дар таълиму тарбияи кӯдак;

9) ногузирии ҷавобгарӣ барои вайрон намудани ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои кӯдак.

**Моддаи 5. Сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак**

Сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз инҳо иборат мебошад:

1) таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, роҳ надодан ба поймолкунии онҳо;

2) таҳкими кафолатҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, инчунин барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшудаи ӯ;

3) ташаккули асосҳои ҳуқуқии кафолатҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак;

4) мусоидат ба рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак, тарбияи ӯ дар руҳияи ватандӯстӣ, ҳисси баланди шаҳрвандӣ ва сулҳдӯстӣ;

5) таъмини фаъолияти мақсаднок оид ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифатнокии кӯдак;

6) роҳ надодан ба табъизи кӯдак, новобаста ба мансубияти нажодӣ, миллӣ, ҷинсӣ, динӣ, забонӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ, ҳолати саломатӣ ва дигар аломатҳо;

7) дастгирии давлатии ташкилотҳое, ки ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакро ҳифз менамоянд.

**Моддаи 6. Ҷалби аҳли ҷомеа барои таълиму тарбияи кӯдак**

Мақомот ва ташкилоте, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, метавонанд иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, раисони маҳаллаҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигарро дар амалишавии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ҷалб намоянд.

## БОБИ 2. МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ, САЛОҲИЯТ ВА ВАКОЛАТИ ОНҲО ДАР САМТИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

**Моддаи 7. Мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба масъулият барои таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд**

1. Мақомоте, ки барои таълиму тарбияи кӯдак масъуланд, мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак (минбаъд - мақоми ваколатдори давлатӣ) ва мақомоти дигаре мебошанд, ки дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак иштирок мекунанд.

2. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, аз ҷониби Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак анҷом дода мешавад.

**Моддаи 8. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак мансубанд:

1) пешбурди сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

2) тасдиқ ва назорати барномаҳои давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

3) муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ;

4) тасдиқ намудани низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

5) ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ташкилоти дигари дахлдор дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

6) амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 9. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ**

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) амалигардонии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

2) таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

3) ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин

ташкилоти дигари дахлдор дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

4) таҳия ва пешниҳод намудани барномаҳои давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

5) таҳия ва пешниҳод намудани низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

6) дар доираи ваколатҳои худ амалӣ намудани назорати фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

7) гузаронидани мониторинг дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

8) ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

9) андешидани тадбирҳо ҷиҳати таъмини риояи талаботи Қонуни мазкур;

10) ба роҳ мондани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ ва фаҳмондадиҳӣ;

11) дархости маълумот аз вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои дигар оид ба иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

12) амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

**Моддаи 10. Мақомоти дигар, ки дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак иштирок мекунанд**

1. Ба мақомоти дигар, ки дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак иштирок мекунанд, дохил мешаванд:

1) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

2) мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

3) Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз инҳо иборатанд:

1) иштирок дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

2) таъмини амалисозии барномаҳои давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

3) андешидани тадбирҳо оид ба таъмини риояи талаботи Қонуни мазкур;

4) таъмини ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дигар дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

5) назорати фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

6) амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

3. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз инҳо иборатанд:

1) иштирок дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

2) иштирок дар таъмини амалисозии барномаҳои давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

3) андешидани тадбирҳо оид ба таъмини риояи талаботи Қонуни мазкур;

4) назорати фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак дар мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

5) амалӣ намудани ваколатҳои дигар, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

4. Ваколатҳои мақомоти дигар, ки дар банди 3) қисми 1 ҳамин модда номбар шудаанд, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

## БОБИ 3. КОМИССИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР САМТИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

### Моддаи 11. Комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак

1. Комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак мақоми ҳамоҳангсози ҷамъиятӣ буда, дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва муассисаҳои таълимӣ таъсис дода мешаванд.

2. Низомнома ва ҳайати комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз ҷониби роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва муассисаҳои таълимӣ тасдиқ карда мешаванд.

3. Шумораи умумии аъзои комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак набояд аз 7 нафар кам бошад.

4. Ба ҳайати комиссияҳои ҷамъиятӣ дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бояд кормандони милитсия, ходимони иттиҳодияҳои динӣ ва аъзои шурои занон дохил карда шаванд.

**Моддаи 12. Вазифаҳои комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак**

1. Комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ба амалисозии Қонуни мазкур мусоидат менамоянд.

2. Комиссияҳои ҷамъиятӣ риояи талаботи Қонуни мазкурро аз падару модар, шахсони онҳоро ивазкунанда, омӯзгор ва шахсони дигар талаб намуда, ҷиҳати пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт тадбирҳои зарурӣ меандешанд.

## БОБИ 4. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ПАДАРУ МОДАР ВА ШАХСОНИ ОНҲОРО ИВАЗКУНАНДА ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

**Моддаи 13. Баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар**

Падару модаре, ки якҷоя ё ҷудо зиндагӣ мекунанд, дар таълиму тарбияи кӯдак ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд, ба истисноҳои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 14. Ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак**

Падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак ҳуқуқҳои зеринро доранд:

1) ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакро ҳимоя намоянд;

2) муассисаҳои таълимиро интихоб намоянд;

3) дар раванди таълиму тарбия, аз ҷумла назорати сатҳу сифати таълим ва донишомӯзии кӯдак дар муассисаҳои таълимӣ, иштирок ва мусоидат намоянд;

4) дар фаъолияти мақомоти худидоракунии муассисаи таълимӣ иштирок намоянд;

5) аз операторон ва провайдерони хизмати алоқаи барқӣ дар бораи аз тарафи кӯдак истифода шудани хизмати алоқаи барқӣ маълумоти дахлдорро ба таври ройгон гиранд;

6) ҷиҳати беҳтар намудани сифати таълиму тарбияи кӯдак ба муассисаи таълимӣ муроҷиат кунанд;

7) азхудкунии барномаҳои таълимиро назорат намоянд;

8) ба фаъолияти муассисаи таълимие, ки кӯдак дар он таҳсил мекунад, мусоидат намоянд;

9) ба раванди таълиму тарбия, мазмуни таҳсилот, давомот ва сатҳу сифати донишомӯзии кӯдак шинос шаванд;

10) бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати таълиму тарбияи кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома банданд;

11) нисбат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми аз ҷониби онҳо монеа эҷод кардан ба таълиму тарбияи кӯдак ба мақомоти дахлдор муроҷиат намоянд;

12) аз имтиёзҳои пешбинишуда тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд;

13) дигар ҳуқуқҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ намоянд.

**Моддаи 15. Уҳдадориҳои падару модар дар таълими кӯдак**

Падару модар дар таълими кӯдак уҳдадориҳои зеринро доранд:

1) таълим гирифтани кӯдакро таъмин намоянд;

2) барои гирифтани таълиму тарбияи томактабии кӯдак тадбирҳо андешанд;

3) ба гирифтани таҳсилоти миёнаи умумии кӯдак монеъ нашаванд;

4) кӯдакро бо воситаҳои зарурии таълимӣ таъмин карда, барои таълими ӯ шароит муҳайё намоянд;

5) риояи пӯшидани либосҳои дахлдори муассисаи таълимиро аз ҷониби кӯдак дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин ва назорат карда, ба шакли зоҳирӣ ва санитарию беҳдоштии ӯ диққат дода, бидуни зарурати тиббӣ ҷиҳати пешгирии тағйири сунъии намуди зоҳирӣ, аз ҷумла холкӯбӣ, чораандешӣ намоянд;

6) ба кӯдаки дорои имконияти маҳдуди ҷисмонӣ ва руҳӣ барои таҳсил кардан ва касбу ҳунар омӯхтан шароит муҳайё намоянд;

7) донишомӯзӣ ва иштироки кӯдакро дар раванди таълим назорат карда, бо маъмурияти муассисаи таълимӣ, омӯзгорон ва кормандони дигари соҳаи маориф оид ба таълими кӯдак мунтазам ҳамкорӣ намоянд;

8) ба омӯзиши забони давлатӣ, инчунин забонҳои хориҷӣ мусоидат намоянд;

9) дар ҷаласаҳои падару модар ва чорабиниҳои дигари муассисаи таълимӣ фаъолона иштирок намоянд;

10) талаботи дахлдори қоидаву тартибот ва санадҳои дохилии муассисаи таълимиро, ки кӯдак дар он таълим мегирад, риоя намоянд;

11) дар ҷашну маросим ва таҷлили зодрӯзи кормандони муассисаҳои таълимӣ пешниҳоди туҳфаҳои молию пулиро аз ҷониби кӯдак манъ намоянд;

12) ҳама гуна пардохти маблағро аз ҷониби кӯдак ба кормандони муассисаҳои таълимӣ иҷозат надиҳанд;

13) гирифтани таълими ғайриқонунӣ, аз ҷумла таълими ғайриқонунии диниро аз ҷониби кӯдак роҳ надиҳанд;

14) таълими динии кӯдакро дар хориҷи кишвар бе розигии хаттии мақоми ваколатдори давлатӣ иҷозат надиҳанд;

15) уҳдадориҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таълими кӯдак муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

**Моддаи 16. Уҳдадориҳои падару модар дар тарбияи кӯдак**

Падару модар дар тарбияи кӯдак уҳдадориҳои зеринро доранд:

1) ба кӯдак тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд;

2) пас аз таваллуд кӯдакро аз қайди давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронанд;

3) барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак шароит муҳайё намоянд;

4) кӯдакро ба зиндагии мустақилона омода намоянд;

5) кӯдакро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, волоияти қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, эҳтиром ба

шахсияти худ ва атрофиён, оила, урфу одат, анъанаҳо, фарҳанги миллӣ ва халқҳои дигар, инчунин бартарии манфиатҳои миллӣ тарбия намоянд;

6) оид ба рушди маърифати ахлоқӣ, эстетикӣ, санитарӣ ва экологии кӯдак чораандешӣ карда, асосҳои гигиенаи шахсӣ, фарҳанги шаҳрнишинӣ ва муоширатро ба ӯ омӯзонанд;

7) кӯдакро дар руҳияи сарфаю сариштакорӣ ва муносибати эҳтиёткорона нисбат ба молу мулк ва арзишҳои дигар тарбия намоянд;

8) дар раванди тарбия нисбат ба кӯдак зӯроварӣ, аз ҷумла ҷазои ҷисмониро истифода набаранд;

9) шаъну шарафи кӯдакро эҳтиром намоянд ва ба муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзананда нисбат ба ӯ роҳ надиҳанд;

10) новобаста ба ҷинс, синну сол, қобилияти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва руҳии кӯдакон, нисбат ба онҳо муносибати баробар дошта бошанд;

11) дар сурати хабардор шудан аз ҳолати кӯдаке, ки дар тарбияи дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қарор дорад, бо онҳо ҳамкорӣ намоянд;

12) ба марказҳои дилхушӣ рафтани кӯдакро манъ намоянд;

13) гаштугузори кӯдаки то шашсоларо бе ҳамроҳии шахси аз чордаҳсола боло дар кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ иҷозат надиҳанд;

14) аз соати 18:00 то соати 08:00 ба марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ рафтани кӯдаки худро иҷозат надиҳанд;

15) бе ҳамроҳии шахси болиғ гаштугузор кардани кӯдаки то шонздаҳсоларо дар ҷойҳои хатарнок манъ намоянд;

16) кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромии ҷомеа, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯча, хиёбон, майдон, ҷойҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳ, манзили истиқоматӣ, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муносибати харобкоронаи кӯдакро ба муҳити зист пешгирӣ намоянд;

17) ба кӯдак ба муассисаи таълимӣ овардани маҳсулоти тамоку, машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахтаъсир ва мадҳушкунандаи дигар, асбобу ашёи манъшуда ва халандаву бурандаро, ба истисноi асбобу ашёи таълимӣ, манъ намоянд, инчунин ба гирифта гаштани онҳо роҳ надиҳанд;

18) фарҳанги истифодаи телефони мобилиро омӯзонанд ва ҷиҳати дар вақти дарс истифода набурдани он чораандешӣ намоянд;

19) ба кӯдак тамошои филмҳои дорои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, тундгароӣ, ҷудоихоҳӣ, порнографӣ, ваҳшатангезӣ, зӯроварӣ ва аксу наворҳои дигари манъшударо иҷозат надиҳанд;

20) аз тарафи кӯдак мақсаднок истифода шудани интернетро назорат намоянд;

21) ба кӯдак мутолаа ва паҳн кардани сабту наворҳои электронӣ (аз ҷумла тавассути телефонҳои мобилӣ), китобҳо, варақаҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар маводи чопии дорои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, тундгароӣ, ҷудоихоҳӣ, порнографӣ ва зӯровариро манъ намоянд;

22) иштироки кӯдакро дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба истисноi кӯдаконе, ки ба таври расмӣ дар муассисаҳои таълимии динӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд, иҷозат надиҳанд;

23) ба кӯдак истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, маҳсулоти тамоку, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои мадҳушкунандаи дигарро манъ намоянд;

24) иштироки кӯдакро дар чорабиниҳои барои ӯ тавсиянашуда иҷозат надиҳанд;

25) ба кӯдак барои идора кардани воситаҳои нақлиёт бе шаҳодатномаи ронандагӣ, инчунин барои омадан ба муассисаи таълимӣ бо воситаҳои нақлиёти механикӣ иҷозат надиҳанд;

26) ба кӯдак ҷиҳати интихоби касбу кор мусоидат кунанд;

27) ба оворагардӣ ва рафторҳои зиддиахлоқии дигари кӯдак роҳ надиҳанд;

28) кӯдакро ба кори ғайриқонунӣ ҷалб насозанд;

29) ба зишту касиф ва хароб намудани биною иншоот, шикастани панҷараҳо, санги болои қабрҳо, ҳайкалҳо, нимпайкараҳо ва ороишоти дар оромгоҳҳо ва ҷойҳои таърихию фарҳангӣ насбшуда ва расондани зарари дигар ба онҳо аз тарафи кӯдак роҳ надиҳанд;

30) дастрасии кӯдакро ба маводи сӯзандаю тарканда ва силоҳ иҷозат надиҳанд;

31) истифодаи ҷавоҳирот, зару зевар, дигар ашёи қиматбаҳо (ба истиснои як ҷуфт гӯшвораи андозааш хурд барои духтарон)-ро аз тарафи кӯдак дар муассисаҳои таълимӣ манъ намоянд;

32) ухдадориҳои дигарро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тарбияи кӯдак муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

**Моддаи 17. Ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд**

Шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд, дорои ҳамаи ҳуқуқу уҳдадориҳое мебошанд, ки дар моддаҳои 14, 15 ва 16 Қонуни мазкур нисбат ба падару модар пешбинӣ шудаанд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро муқаррар накарда бошад.

## БОБИ 5. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ ВА ОМӮЗГОР

**Моддаи 18. Ҳуқуқҳои муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи кӯдак**

Муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи кӯдак ҳуқуқҳои зеринро дорад:

1) ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакро ҳимоя намояд;

2) ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати таълиму тарбияи кӯдак ба падару модар ва мақомоти давлатии дахлдор бо пешниҳод муроҷиат кунад;

3) бо падару модар ҷиҳати таълиму тарбияи кӯдак тибқи қонунгузорӣ шартнома бандад;

4) падару модарро ба ҷаласаҳо вобаста ба таълиму тарбияи кӯдак даъват намояд;

5) иҷрои талаботи санадҳои дохилии муассисаи таълимиро аз ҷониби падару модар талаб намояд;

6) ҳангоми аз тарафи падар ё модар риоя накардани талаботи санадҳои дохилии муассисаи таълимӣ ва иҷро накардани уҳдадориҳое, ки тибқи Қонуни мазкур муқаррар шудаанд, ба мақомоти дахлдор муроҷиат намояд;

7) нисбат ба шахсони воқеӣ ва мансабдор ҳангоми монеа эҷод кардани онҳо ба таълиму тарбияи кӯдак ба мақомоти дахлдор муроҷиат намояд;

8) ҳуқуқҳои дигарро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, амалӣ намояд.

**Моддаи 19. Уҳдадориҳои муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи кӯдак**

Муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи кӯдак уҳдадориҳои зерин дорад:

1) ба кӯдак таълиму тарбияи дуруст диҳад;

2) омодагии кӯдакро ба таҳсилоти умумӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд;

3) талаботи таълимии кӯдакро бо дар назар гирифтани хоҳишу қобилият қонеъ гардонад;

4) барои таълими кӯдак шароит фароҳам оварда, воситаҳои зарурии таълимиро таъмин намояд;

5) риояи пӯшидани либосҳои дахлдори муассисаи таълимиро аз ҷониби кӯдак таъмин ва назорат карда, ба шакли зоҳирӣ ва санитарию беҳдоштии ӯ диққат дода, ҷиҳати пешгирии тағйири сунъии намуди зоҳирӣ бидуни зарурати тиббӣ, аз ҷумла холкӯбӣ, чораандешӣ намояд;

6) ба кӯдаки дорои имконияти маҳдуди ҷисмонӣ ва руҳӣ барои таҳсил шароит муҳайё намояд;

7) донишомӯзӣ ва иштироки кӯдакро дар раванди таълим назорат карда, бо падару модар ҳамкорӣ намояд;

8) бо тартиби муқарраршуда ҷаласаҳои падару модар ва чорабиниҳои дигари муассисаи таълимиро ташкил ва баргузор намояд;

9) ба кормандони муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби кӯдак пардохти ҳама гуна маблағро иҷозат надиҳад;

10) барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак тадбирҳо андешад;

11) кӯдакро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, волоияти қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, эҳтиром ба шахсияти худ ва атрофиён, оила, урфу одат, анъанаҳо,

фарҳанги миллӣ ва таҳаммулгароӣ, инчунин бартарии манфиатҳои миллӣ тарбия намояд;

12) оид ба рушди маърифати ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, санитарӣ ва экологии кӯдак чораандешӣ карда, асосҳои гигиенаи шахсӣ, фарҳанги ҳамзистӣ дар ҷомеа ва муоширатро ба ӯ омӯзонад;

13) ба кӯдак ба муассисаи таълимӣ овардани маҳсулоти тамоку, машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир ва мадҳушкунандаи дигар, асбобу ашёи манъшуда ва халандаву бурандаро, ба истиснои асбобу ашёи таълимӣ, роҳ надиҳад;

14) ба кӯдак барои ба муассисаи таълимӣ бо воситаҳои нақлиёти механикӣ омадан, истифодаи ҷавоҳирот, зару зевар, дигар ашёи қиматбаҳо (ба истиснои як ҷуфт гӯшвораи андозааш хурд барои духтарон) дар муассисаи таълимӣ роҳ надиҳад ва дар сурати вайрон кардани ин талабот чораҳои дахлдор андешад, аз ҷумла ба мақомоти давлатии дахлдор хабар диҳад;

15) уҳдадориҳои дигарро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таълиму тарбияи кӯдак муқаррар намудааст, иҷро намояд.

**Моддаи 20. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои омӯзгор**

Омӯзгор дар таълиму тарбияи кӯдак ҳуқуқу уҳдадориҳои зеринро дорад:

1) қоидаҳои одобу ахлоқи омӯзгориро риоя намояд;

2) дар муассисаи таълимӣ либоси дахлдор пӯшад;

3) аз қабули ҳар гуна маблағ, аз ҷумла дар ҷашну маросим ва таҷлили зодрӯз, аз гирифтани туҳфаҳои молию пулӣ аз таълимгирандагон худдорӣ намояд;

4) дар раванди таълиму тарбия нисбат ба кӯдак зӯроварӣ, аз ҷумла ҷазои ҷисмониро истифода набарад;

5) ҳуқуқу озодӣ ва шаъну шарафи кӯдакро риоя ва эҳтиром карда, ба муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзананда нисбат ба ӯ роҳ надиҳад;

6) фарҳанги истифодаи телефони мобилиро омӯзонад ва ҷиҳати дар вақти дарс истифода набурдани он чораандешӣ намояд;

7) азхудкунии барномаҳои таълимиро дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот аз таълимгиранда талаб намояд;

8) новобаста ба нажод, ранги пӯст, пайдоиш, ҷинс, забон, дин ва эътиқод, мансубияти миллӣ ва (ё) этникӣ, маъюбият, ҳолати саломатӣ, синну сол, шаҳрвандӣ, ақида, вазъи молумулкӣ ё ҳолати дигар, нисбат ба кӯдакон муносибати баробар дошта бошад;

9) бо падару модар дар масъалаҳои давомот, дониш ва интизоми кӯдак ҳамкорӣ намояд;

10) бо тартиби муқарраршуда дарсҳои кушода ташкил карда, падару модарони таълимгирандагонро ба онҳо ҷалб намояд;

11) нисбат ба таълимгирандагоне, ки тартиботи дохилии муассисаи таълимиро халалдор менамоянд, ба дарсҳо бе тайёрӣ меоянд ва шакли зоҳириашон ба талабот ҷавобгӯ нест, маъмурияти муассисаи таълимӣ ва падару модарро сари вақт хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намояд;

12) оид ба таълимгирандагоне, ки аз таҳсил саркашӣ карда, аз хондан дур мемонанд, падару модар ва роҳбарияти муассисаи таълимиро сари вақт хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намояд;

13) аз тарғиби ғояҳои бегона ва ташвиқи ҳама гуна масъалаҳое, ки аз доираи мавзуи дарс берунанд, худдорӣ намояд;

14) барои инкишофи маҳорат, малакаи хаттӣ ва нутқи шифоҳии таълимгирандагон кӯшиш намояд;

15) барои дар озмуну олимпиадаҳо ва чорабиниҳои монанди онҳо иштирок намудани таълимгирандагон саъю талош намояд;

16) аз таълимгирандагон ҳамроҳи худ овардани маводи таълимиро талаб карда, омодагии онҳоро ба дарс, машғулиятҳои таълимӣ назорат намояд, онҳоро ба хондани китобҳои илмию бадеӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ташвиқ карда, барои васеъ кардани ҷаҳонбинии онҳо тадбирҳо андешад;

17) иштироки таълимгирандагонро дар маҳфилҳои илмӣ, адабӣ, эҷодӣ ва маҳфилҳои дигар, ҳамчунин созмонҳои хонандагон таъмин карда, ба фаъолона ширкат варзиданашон мусоидат намояд;

18) таълимгирандагонро дар руҳияи ватандӯстӣ, зебоипарастӣ, риояи қонун, эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, падару модар, ҳамсолон, насли калонсол, арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ ва муқаддасоти миллӣ тарбия кунад;

19) ҳуқуқу уҳдадориҳои дигарро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, амалӣ намояд.

## БОБИ 6. ПЕШГИРИИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲО ДАР САМТИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

### Моддаи 21. Пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак

1. Мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба масъулият барои таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, уҳдоранд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи чораҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, таълимӣ, тарбиявӣ ва тавонбахширо бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби падару модар, васӣ, парастор, шахсоне, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунанд, дигар намояндагони қонунии

онҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар, ки кӯдак воқеан таҳти таълиму тарбияи онҳо қарор дорад, инчунин ҷиҳати бартараф кардани сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткунандаро амалӣ намоянд.

2. Ҳангоми аз таълиму тарбия дур мондани кӯдак ва содир шудани амали номатлуб нисбат ба кӯдак, инчунин дар мавриди муайян шудани ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии кӯдак таҳдид менамоянд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадоранд, ки ба мақомоти дахлдори давлатӣ хабар диҳад.

**Моддаи 22. Чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак**

Чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак аз инҳо иборатанд:

1) гузарондани ташвиқот дар байни аҳолӣ ҷиҳати амалӣ шудани уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак;

2) баргузор намудани ҷаласаҳои падару модарон вобаста ба таълиму тарбияи кӯдак;

3) ташкил намудани «Рӯзҳои падару модар» дар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади расондани кумаки педагогӣ, равонӣ, методӣ ба падару модарон;

4) аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардондани падару модаре, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои худро дар таълиму тарбияи кӯдак муваффақона иҷро менамоянд;

5) андешидани тадбирҳо оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ аз тарафи кӯдакон;

6) доир намудани суҳбатҳои пешгирикунанда;

7) роҳандозии корҳои инфиродӣ бо падару модар;

8) бо тартиби муқarrаргардида муваққатан гирифтани кӯдак аз падару модаре, ки уҳдадориҳои худро ба таври дахлдор иҷро намекунанд ё ҳангоми мавҷуд будани хатар ба ҳаёт ва саломатии кӯдак;

9) андешидани чораҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таълиму тарбияи кӯдак пешбинӣ кардааст.

## БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 23. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

### Моддаи 24. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011, №762 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7-8, мод. 616; с. 2016, №3, мод. 147; с. 2018, №5, мод. 283; с. 2019, №4-5, мод. 222; с. 2022, №6, мод. 353, №12, қ. 2, мод. 778) аз эътибор соқит дониста шавад.

### Моддаи 25. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**20 июни соли 2024, № 2049**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №9, мод. 68, мод. 69, №22, мод. 306; с. 1999, №12, мод. 316; с. 2001, №4, мод. 149, мод. 167; с. 2002, №11, мод. 675, мод. 750; с. 2003, №8, мод. 456, мод. 468; с. 2004, №5, мод. 346, №7, мод. 452, мод. 453; с. 2005, №3, мод. 126, №7, мод. 399, №12, мод. 640; с. 2007, №7, мод. 665; с. 2008, №1, қ. 1, мод. 3, №6, мод. 444, мод. 447, №10, мод. 803, №12, қ. 1, мод. 986, №12, қ. 2, мод. 992; с. 2009, №3, мод. 80, №7-8, мод. 501; с. 2010, №3, мод. 155, №7, мод. 550; с. 2011, №3, мод. 161, №7-8, мод. 605; с. 2012, №4, мод. 258, №7, мод. 694; с. 2013, №6, мод. 403, мод. 404, №11, мод. 785, №12, мод. 881; с. 2014, №3, мод. 141, №7, қ. 1, мод. 385, мод. 386; с. 2015, №3, мод. 198, мод. 199, №11, мод. 949, №12, қ. 1, мод. 1107; с. 2016, №3, мод. 127, №5, мод. 355, мод. 356, №7, мод. 608, мод. 609, №11, мод. 874, мод. 875; с. 2017, №1-2, мод. 2, мод. 3, №7-9, мод. 586; с. 2018, №1, мод. 4, мод. 5, №5, мод. 266, №7-8, мод. 522; с. 2019, №1, мод. 1, мод. 2, №6, мод. 311; с. 2020, №1, мод. 8, мод. 9, №7-9, мод. 607, мод. 623, №12, мод. 904; с. 2021, №4, мод. 196, №12, қ. 2, мод. 683; с. 2022, №7, мод. 437, мод. 438, №12, қ. 2, мод. 764, мод. 765; с. 2023, №11, мод. 457, мод. 458), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Моддаи 164 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 164. Монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ

Ба ҳар тарзе монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ, -

бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то як ҳазору дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз як саду ҳаштод то дусаду чил соат ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.».

2. Ба қисми 2 моддаи 166 пас аз калимаи «қонунан» калимаҳои «ё воқеан» илова карда шаванд.

3. Санксияи моддаи 174 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«бо ҷарима ба андозаи аз ҳафтсад то ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз дусад то дусаду чил соат ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлат аз як то ду сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.».

4. Моддаи 240[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Моддаи 240[1]. Машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ

Барои машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ, агар чунин кирдор дар давоми соли баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад, -

бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазору панҷсад то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз як то ду сол ҷазо дода мешавад.».

5. Моддаи 334[2] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Моддаи 334[2]. Вайрон кардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим

Барои вайрон кардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ, муассис ё роҳбари ташкилоти тиҷоратӣ, сархатиб, имомхатиб, имоми масҷиди

панҷвақта, ходими ғайрирасмии динӣ, раиси маҳалла ва дигар роҳбари мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, инчунин аз ҷониби шахсони дигар ба таври дағалона ё дар вазъияти фавқулода, пандемияи бемориҳои сироятӣ, ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенидошта содир шудани ҳамин кирдорҳо дар давоми соли баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ, -

бо ҷарима ба андозаи аз ду ҳазору дусад то ду ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то се сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба ҳамин муҳлат ё бидуни он ҷазо дода мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмии он мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**20 июни соли 2024, № 2050**

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, № 5, мод. 321, № 9-10, мод. 543; с. 2010, № 1, мод. 2, мод. 5, № 3, мод. 153, №7, мод. 547, № 12, қ. 1, мод. 812; с. 2011, № 6, мод. 430, мод. 431, № 7-8, мод. 610, № 12, мод. 838; с. 2012, № 4, мод. 256, № 7, мод. 685, мод. 693, № 8, мод. 814, № 12, қ. 1, мод. 1004; с. 2013, № 3, мод. 181, № 7, мод. 508; с. 2014, № 3, мод. 143, мод. 144, № 7, қ. 1, мод. 389, мод. 390; с. 2015, № 3, мод. 201, № 7-9, мод. 707, мод. 708, № 11, мод. 955, № 12, қ. 1, мод. 1108; с. 2016, № 3, мод. 130, мод. 131, мод. 132, № 5, мод. 359, мод. 361, № 7, мод. 613, мод. 614, № 11, мод. 877; с. 2017, № 1-2, мод. 5, мод. 6, №5, қ. 1, мод. 275, № 7-9, мод. 568, мод. 585; с. 2018, № 1, мод. 9, № 5, мод. 268, мод. 269; с. 2019, № 1, мод. 8, № 6, мод. 312, мод. 313, № 7, мод. 464; с. 2020, № 1, мод. 6, № 7-9, мод. 604, мод. 606, мод. 621, № 12, мод. 900, мод. 901, с. 2021, № 6, мод. 384, мод. 385, № 12, қ. 2, мод. 686, мод. 687, мод. 688, мод. 689; с. 2022, № 1-3, мод. 12, №7, мод. 443, № 12, қ. 2, мод. 768; с. 2023, № 4-6, мод. 155, №11, мод. 459; с. 2024, № 1-2, мод. 3, мод. 4), тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар тамоми матн калимаҳои «таъйини», «таъйин», «ТАЪЙИН», «Таъйини», «аломати ҷиноят» ва «яксаду» мувофиқан ба калимаҳои «таъини», «таъин», «ТАЪИН», «Таъини», «аломатҳои таркиби ҷиноят» ва «як саду» иваз карда шаванд.

2. Моддаи 90 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 90. Иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи кӯдак

1. Барои бе сабабҳои узрнок ба таҳсилоти миёнаи умумӣ зиёда аз панҷоҳ соати дарсӣ дар як чоряки соли таҳсил фаро нагирифтани кӯдак аз тарафи падару модар, васӣ, парастор, шахсе, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунад, намояндаи дигари қонунии кӯдак, инчунин шахси воқеии дигар, ки кӯдак воқеан тахти тарбияи ӯ қарор дорад, -

ба андозаи аз даҳ то дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

2. Барои аз ҷониби шахсони дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда пешгирӣ накардани амалҳои зерини кӯдак:

- маводи дорои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, тундгароӣ, ҷудоихоҳӣ, порнографӣ ва зӯровариро паҳн кардан;

- ба марказҳои дилхушӣ ва ё дар вақти бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъшуда ба марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ рафтан;

- ба биною иншоот, панҷараҳо, санги болои қабрҳо, ҳайкалҳо, нимпайкараҳо ва ороишоти дар оромгоҳҳо ва ҷойҳои таърихию фарҳангӣ насбшуда зарар расондан;

- ба муассисаи таълимӣ овардани маҳсулоти тамоку, машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир ва мадҳушкунандаи дигар, асбобу ашёи манъшуда ва халандаву буранда, инчунин гирифта гаштани онҳо, -

ба андозаи аз понздаҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

3. Барои аз ҷониби шахсони дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда ва кормандони муассисаи таълимӣ ё тарбиявӣ дар раванди таълиму тарбия нисбат ба кӯдак истифода

бурдани зӯроварӣ, инчунин назорат накардани кӯдак, ки дар натиҷа боиси аз ҷониби ӯ истифода шудани зӯроварӣ нисбат ба дигар шахсон мегардад, ҳангоми набудани аломатҳои таркиби ҷиноят, -

ба андозаи аз бист то бисту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

4. Барои дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдорҳое, ки дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, -

ба андозаи аз сӣ то сию панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

5. Барои дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдорҳое, ки дар қисми 3 ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, ҳангоми набудани аломатҳои таркиби ҷиноят, -

ба андозаи аз чил то чилу панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ аз панҷ то даҳ шабонарӯз таъин карда мешавад.».

3. Моддаи 464[1] дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 464[1]. Ба кӯдак додани иҷозати воридшавӣ ба марказҳои дилхушӣ ва марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ

1. Барои аз тарафи шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ба кӯдак додани иҷозати воридшавӣ ба марказҳои дилхушӣ (клубҳои шабона, дискоклубҳо, толорҳои букмекерӣ ва марказҳои бозиҳои бурднок), инчунин марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ дар вақти бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъшуда, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз сад то як саду бист, ба соҳибкорони инфиродӣ аз як саду ҳаштод то дусад ва ба

шахсони ҳуқуқӣ аз дусаду панҷоҳ то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

2. Барои дар давоми як соли пас аз таъини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдоре, ки дар қисми 1 ҳамин модда пешбинӣ шудааст, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз як саду сӣ то як саду панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродӣ аз дусаду бист то дусаду панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз чорсад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.».

4. Моддаи 481 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 481. Риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим

1. Барои хабардор накардани комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими ҷашну маросим дар хусуси баргузории тӯйи домодию арӯсӣ ва маросими азодорӣ, инчунин пошидан ва часпондани пул дар ҷашну маъракаҳо, -

ба андозаи даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

2. Барои гузарондани маъракаҳои манъшуда, вайрон намудани тартиби гузарондани маъракаи зодрӯз, хатнасур, маросими дигари вобаста ба таваллуди кӯдак, дафну азодорӣ ва мавлудхонӣ, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи як саду бист ва ба шахсони мансабдор ба андозаи сесаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

3. Барои вайрон намудани талаботи қонунгузорӣ оид ба гузарондани тӯйи домодию арӯсӣ, аз ҷумла риоя накардани шумораи даъватшудагон, вақт ва давомнокии баргузории ҷашну маросим, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи дусаду бист ва шахсони мансабдор ба андозаи панҷсаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

4. Барои аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (ҳунармандон, тарабхона, қаҳвахона, ошхона ва тӯйхонаҳо) вайрон намудани тартиби хизматрасонии ҷашну маросим, аз ҷумла оид ба шумораи даъватшудагон ва вақти баргузории тӯю маъракаҳо, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи сесад ва ба шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи як ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

5. Барои риоя накардани тартиби гузарондани маъракаҳои гуселу пешвоз вобаста ба адои ҳаҷ ё умра (берун аз доираи оила), ташкили маъракаҳои ҳоҷизиёрат, ҳоҷиталбон, ҳоҷиошӣ ва дигар маърака ба хотири ҳаҷ ё умра, инчунин тақсими тухфаҳо, идона оро додани ҳавлӣ, кӯчаву маҳалла ва мошинҳо ба хотири ҳаҷ ё умра, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи сесад ва ба шахсони мансабдор ба андозаи ҳаштсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

6. Барои дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдорҳои дар қисмҳои 2, 3, 4 ва 5 ҳамин модда пешбинишуда, ба истисноии кирдорҳо ва шахсони дар қисмҳои 7 ва 8 ҳамин модда зикргардида, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи як ҳазор, ба шахсони мансабдор ба андозаи як ҳазору дусад ва ба шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи ду ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

7. Барои дағалона ё дар вазъияти фавқулода, пандемияи бемориҳои сироятӣ, ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенидошта вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ оид ба танзими ҷашну маросим, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи як ҳазору дусад, ба шахсони мансабдор ба андозаи як ҳазору панҷсад ва ба шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи се ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

8. Барои аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ, муассис ё роҳбари ташкилоти тиҷоратӣ, сархатиб, имомхатиб, имоми масҷиди панҷвақта, ходими ғайрирасмии динӣ, раиси маҳалла ва роҳбари дигари мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ содир кардани кирдорҳои дар қисмҳои 2, 3 ва 5 ҳамин модда пешбинишуда, инчунин аз ҷониби шахсони мазкур барои дағалона ё дар вазъияти фавқулода, пандемияи бемориҳои сироятӣ, ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенидошта вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ оид ба танзими ҷашну маросим, -

ба андозаи як ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.».

5. Моддаи 482 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 482. Машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ

Барои машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ, -

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳаштод то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба муҳлати аз даҳ то понздаҳ шабонарӯз таъин карда мешавад.».

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмии он мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**20 июни соли 2024, № 2051**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ РАМЗҲОИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2007 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 5, мод. 362; с. 2009, № 9-10, мод. 551; с. 2011, № 3, мод. 162, № 6, мод. 451; с. 2016, № 11, мод. 892) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Муқаддимаи Қонун дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Қонуни мазкур рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар намуда, вазъи ҳуқуқӣ, тасвир ва тартиби истифодаи расмии онҳоро танзим мекунад.».

2. Моддаи 11 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Моддаи 11. Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ мебошанд.

2. Ҳифз ва эҳтироми рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла аз ёд донистани Суруди Миллӣ, ифтихори миллии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

3. Дар ҳама ҳолат ба рамзҳои давлатӣ бояд тавре муносибат намуд, ки нисбат ба онҳо беҳурматӣ зоҳир нагардад.».

3. Дар қисми 5 моддаи 5 калимаи «гӯронидан» ба калимаҳои «дафн кардан» иваз карда шавад.

4. Дар моддаи 6:

- дар сархати дуюм калимаи «асъори» ба калимаи «пули» иваз карда шавад;

- сархати шашум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- дар либосҳо ва дигар лавозимоти варзишӣ ҳангоми иштирок намудан дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии варзишӣ;»;

5. Дар қисми 1 моддаи 8:

- дар сархати ҳаштум калимаи «асъори» ба калимаи «пули» иваз карда шавад;

- сархати даҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- дар либосҳо ва дигар лавозимоти варзишӣ ҳангоми иштирок намудан дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии варзишӣ;».

6. Дар қисми 1 моддаи 10:

- аз сархати дуюм калимаи «иди» хориҷ карда шавад;

- сархати шашум хориҷ карда шавад;

- дар сархати нуҳум калимаи «мактабҳои» ба калимаи «муассисаҳои» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**20 июни соли 2024, № 2079**

# Ҷ А М Ъ Б А С Т И
## амалияи судӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкнии маъмурӣ вобаста ба иҷро накардани уҳдадориҳои парасторӣ, таълим ва тарбияиноболиғон бо моддаҳои 90-93 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар асоси нақшаи кории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи аввали соли 2024 аз ҷониби коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олӣ ҷамъбастии таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба иҷро накардани уҳдадориҳои парасторӣ, таълим ва тарбияи ноболиғон, ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар соли 2023 баррасӣ гардидаанд, гузаронида шуд.

Бояд қайд кард, ки саривақт, ҳаматарафа, пурра ва холисона муайян кардани ҳолатҳои кор доир ба ҳар як парванда, ҳаллу фасли он мутобиқи қонунгузорӣ, таъмини иҷрои қарори қабулшуда, инчунин муқаррар намудани сабабу омил ва ҳолатҳое, ки ба содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мусоидат менамоянд, пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, дар рӯҳияи риояи қонунҳо тарбия намудани шаҳрвандон ва таҳкими қонуният аз муҳимтарин вазифаҳои пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шумор меравад.

Пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, шахсони мансабдор ва баррасии онҳо аз ҷониби судяҳо, ки ваколати баррасии чунин парвандаҳоро доранд, тибқи талаботи Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҲМ) сурат мегирад.

Мувофиқи қисми 1 моддаи 93 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқвайронкунии маъмурии вобаста ба иҷро накардани уҳдадориҳои парасторӣ, таълим ва тарбияи ноболиғон, ки дар боби 6 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҲМ) пешбинӣ гардидаанд, тобеияти судӣ дошта, аз ҷониби судяҳо баррасӣ карда мешаванд: Аз ҷумла:

моддаи 90 КҲМ (аз тарафи падару модар ё дигар намояндагони қонунии ноболиғон иҷро накардани уҳдадориҳои парасторӣ ва таълиму тарбияи ноболиғон);

моддаи 91 КҲМ (суистифода аз ҳуқуқи васӣ ё парастор);

моддаи 92 КҲМ (риоя накардани тартиб ё муҳлати пешниҳоди маълумот дар бораи кӯдаконе, ки барои фаро гирифтан ба тарбияи оила, таҳти васоят ё ба муассисаи кӯдакони ятим ё бепарастор эхтиёҷ доранд);

моддаи 93 КҲМ (кирдорҳои ғайриқонунӣ ҳангоми фарзандхондӣ, таҳти васоят (парасторӣ) ё ба оилаи (мураббии) парастор супоридани кӯдак).

Дар натиҷаи омӯзиши парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муайян карда шуд, ки судяҳои судҳои ҷумҳурӣ дар вақти баррасии ин категорияи парвандаҳо асосан меъёрҳои моддӣ ва мурофиавии КҲМ, КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавзеҳоти қарори Пленуми Суди Олӣ аз 18 ноябри соли 2013, №10 «Оид ба тартиби баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби судҳои марҳилаи якум»-ро дуруст татбиқ мекунанд. Дар баробари ин муайян гардид, ки дар баъзе ҳолатҳо судяҳо ҳангоми баррасӣ ва шахсони мансабдори ваколатдор бошад, ҳангоми барасмиятдарории ин гуна парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба як қатор камбудиҳои мурофиавӣ роҳ додаанд.

Аз ҷумла, парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба иҷро накардани уҳдадориҳои парасторӣ, таълим ва тарбияи ноболиғон, ки баррасии онҳо таҳти тобеъияти судӣ қарор доранд, тибқи талаботи қонуни мурофиавӣ аз ҷониби шахсони мансабдори ваколатдори мақомоти корҳои дохилӣ ва прокурор оғоз ва барасмият даровардa мешаванд.

Тавре омӯзиш нишон дод, шахсони мансабдори ваколатдор зимни барасмиятдарории парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии зикргардида ба камбудиҳои мурофиавӣ роҳ додаанд.

Тибқи талаботи моддаи 79 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ сана ва маҳалли тартиб додани он, вазифа, насаб, ном ва номи падари шахсе, ки протоколро тартиб додааст, маълумот дар бораи шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир кардааст, маҳал, вақти содиршавӣ, ҳодиса ва моҳияти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, моддаи КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгариро барои ин ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ менамояд, насаб, ном ва номи падар, суроғаи шоҳидон ва ҷабрдидаҳо (агар бошанд), баёноти шахсони воқеӣ, мансабдор, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, хоҳиши онҳо дар бораи иштироки ҳимоятгар ё бе иштироки ӯ (оид ба парвандаҳое, ки иштироки ҳимоятгар дар онҳо ҳатмӣ нест) ва дигар маълумоти барои ҳалли парванда зарур сабт карда мешаванд.

Ҳангоми тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шахсони воқеӣ, мансабдор, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, инчунин ба ҳимоятгар ва дигар иштирокчиёни баррасии парванда ҳуқуқу уҳдадориҳои

тибқи Кодекси мазкур пешбинигардида фаҳмонида шуда, он дар протокол сабт карда мешавад.

Ба шахсони воқеӣ, мансабдор, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, бояд имконияти шиносшавӣ бо протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва маводи ба он замимагардида дода шавад. Шахсони зикргардида ҳуқуқ доранд бо иштироки ҳимоятгар баёнот дода, доир ба мазмуни протокол мулоҳизаҳои худро изҳор намоянд, ки онҳо ба протокол замима карда мешаванд.

Ба протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахси мансабдор, ки онро тартиб додааст, инчунин шахсони воқеӣ, мансабдор, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, ҳимоятгар, шоҳидон ва ҷабрдидаҳо (агар бошанд) имзо мегузоранд. Агар чунин шахсон аз имзо кардани протокол саркашӣ намоянд, доир ба ин ҳолат дар протокол аз ҷониби шахси мансабдор, ки протоколро барои шиносшавӣ пешниҳод намудааст, сабти дахлдор ворид карда мешавад.

Ба шахсони воқеӣ, мансабдор, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, инчунин ба ҷабрдида тибқи дастхат нусхаи протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ супорида мешавад.

Ҳангоми гузаронидани ҷамъбасткунӣ ва омӯзиши парвандаҳои категорияи мазкур муайян гардид, ки талаботи меъёри дар боло зикргардидаи қонун зимни тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби шахсони ваколатдори мақомоти корҳои дохилӣ на дар ҳам вақт риоя карда мешавад.

Масъалан, аз маводи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати Ш.А.С. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби суди шаҳри П. баррасӣ шудааст,

бармеояд, ки нозири шуъбаи ГОПҲНҶ ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри П. ҳангоми тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ талаботи меъёри мурофиавии зикргардидаро ба пуррагӣ риоя накарда, дар протокол ном ва номи падари шахсе, ки протоколро тартиб додааст, хоҳиши ҳуқуқвайронкунанда дар бораи иштироки ҳимоятгар ё бе иштироки ӯ (оид ба парвандаҳое, ки иштироки ҳимоятгар дар онҳо ҳатмӣ нест) нишон дода нашуда, оид ба шинос шудани ҳуқуқвайронкунанда бо протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар он ишора карда нашудааст. Инчунин, дар протоколи насаб, ном ва номи падар, суроғаи шоҳид нишон дода нашуда, мутаносибан имзои шоҳид дар протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гирифта нашудааст.

Мисол, аз маводи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати С.М.Р. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби суди ноҳияи М. баррасӣ шудааст, бармеояд, ки нозири калони ГОПҲНҶ шуъбаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи М. ҳангоми тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ талаботи меъёри мурофиавии зикргардидаро ба пуррагӣ риоя накарда, дар протокол ном ва номи падари шахсе, ки протоколро тартиб додааст, хоҳиши ҳуқуқвайронкунанда дар бораи иштироки ҳимоятгар ё бе иштироки ӯ (оид ба парвандаҳое, ки иштироки ҳимоятгар дар онҳо ҳатмӣ нест) нишон дода нашуда, оид ба гирифтани баёнот ва шинос шудани ҳуқуқвайронкунанда бо протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар он ишора карда нашудааст. Инчунин, дар протоколи насаб, ном ва номи падар, суроғаи шоҳидон Қ.Д.С. ва Т.А.С. нишон дода шуда, имзои онҳо дар протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гирифта нашудааст.

Мувофиқи шиноснома, ки аз ҷониби ШВКД дар ноҳияи М. аз 14 апрели соли 2014 дода шудаст, насаби ҳуқуқвайронкунанда «С.» мебошад. Аммо нозири калони ГОПҲНҶ шуъбаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи М. баёноти ҳуқуқвайронкунандаро бо насаби «Ғ.» гирифта, ҳамаи ҳаракатҳои мурофиавиро бо ҳамин насаб ба расмият даровардааст.

Инчунин, аз дастхатҳои «Ғ.» дида мешавад, ки гӯё ӯ 15 сентябри соли 2023 нусхаи протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро гирифтааст. Ҳол он ки нисбати С.М.Р. рӯзи 22 майи соли 2023 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, худи ҳамон рӯз нисбаташ аз ҷониби сардори ШВКД дар ноҳияи М. парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст.

Мисоли дигар, аз маводи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати Р.С.З. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби суди ноҳияи А. баррасӣ шудааст, бармеояд, ки нозири калони ГОПҲНҶ шуъбаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи А. ҳангоми тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар он имзои худро нагузошта, бо чунин камбудӣ парвандаро ба суд фиристонидааст.

Мувофиқи талаботи моддаи 82 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар карор ё таъинот дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вақт ва маҳалли қабул кардани қарор ё таъинот, вазифа, насаб, ном ва номи падари шахси қарор ё таъинотро тартибдода, асос барои оғози парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, маълумоте, ки аз мавҷуд будани ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гувоҳӣ медиҳад, моддаи КҲМ, ки ҷавобгариро барои ин ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ менамояд, нишон

дода мешаванд. Ҳангоми қабули қарор ё таъинот дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо қарор ё таъинот қабул карда шудааст, инчунин ба дигар иштирокчиёни мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо, ки тибқи Кодекси мазкур пешбинӣ гардидаанд, фаҳмонида, дар ин бора дар қарор ё таъинот сабт карда мешавад.

Нусхаи қарор ё таъинот дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо қарор ё таъинот қабул карда шудааст, инчунин ба ҷабрдида дар давоми як шабонарӯз бо гирифтани забонхат супорида ё фиристода мешавад.

Тавре аз омӯзиши парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии категорияи мазкур бармеояд, ин талаботи меъёри мурофиавӣ зимни оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар баъзе мавридҳо аз ҷониби шахсони мансабдори ваколатдори мақомоти корҳои дохилӣ сарфи назар карда шуда, дар қарор оид ба таъмини иҷрои талаботи зикргардидаи қонун ишора карда намешавад.

Масалан, бо қарори судяи суди шаҳри Б. аз 29 июни соли 2023 М.Г.У. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ҷазои ҷарима ба андозаи се нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 204 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Аз маводи парванда бармеояд, ки аз ҷониби муовини сардори ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Б. қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз 9 июни соли 2023 қабул карда шуда, дар он иҷрои талаботи меъёри дар боло зикршуда таъмин карда нашудааст. Аз ҷумла, ҳангоми қабули қарор дар бораи оғоз

кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҳуқуқвайронкунанда М.Г.У. матни қарор шифоҳи эълон карда шуда, дар ин хусус дар қарор қайд карда шудааст.

Мисол, аз маводи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати С.С.Я. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби суди ноҳияи Варзоб баррасӣ карда шудааст, дида мешавад, ки ҳарчанд дастхати ҳуқуқвайронкунанда оид ба фаҳмонидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавӣ, инчунин, супоридани нухаи қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гирифта шуда бошад ҳам, аммо дар дасхатҳо санаи гузаронидани ин ҳаракатҳои мурофиавӣ нишон дода нашудааст.

Мисоли дигар, аз маводи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати Ш.Д.С. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби суди ноҳияи Р. баррасӣ карда шудааст, дида мешавад, ки дар қарор оид ба оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки аз ҷониби нозири ШОПҲНҶ РВКД дар минтақа ва ноҳияи Р. қабул шудааст, санаи қабули қарор дарҷ карда нашудааст.

Чунин ҳолат дар парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати М.Ӯ.У., ки аз ҷониби суди ноҳияи Ҷ. баррасӣ гардидааст, ҷой дорад.

Судҳои марҳилаи якум бошад камбудиҳои зикргардидаро, ки боиси вайрон гардидани ҳуқуқҳои мурофиавии охирин гардидаанд, эътибор надода, қарор қабул кардааст.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои нишондодашуда дар аксарияти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии мавриди омӯзиш қарор додашуда ба назар мерасанд.

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 84 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ фавран

баъди ошкор кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода мешавад.

Ин муқаррароти қонун зимни барасмиятдарории парвандаҳо дар баъзе ҳолатҳо аз ҷониби шахсони мансабдори ваколатдори мақомоти корҳои дохилӣ дар шаҳру ноҳияҳо риоя нагардида, протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баъди гузаштани муҳлати зиёд тартиб дода шудаанд.

Масълан, аз парандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати Ю.Ф.У. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби суди ноҳияи Ҷ. баррасӣ карда шудааст, бармеояд, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ санаи 23 январи соли 2024 содир карда шуда, аммо протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пас аз 9 рӯз, яъне 1 феврали соли 2024 ба расмият дароварда шудааст.

Чунин ҳолат, яъне пас аз 8 рӯз барасмият даровардани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати О.Л.Б. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби ҳамин суд баррасӣ карда шудааст, низ ҷой дорад.

Мутобиқи талаботи моддаи 85 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи тартибдодаи мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) ё қарори прокурор оид ба оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар давоми се шабонарӯз ба судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) равон карда мешаванд.

Муайян карда шуд, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ протоколи тартибдодаи онҳо на дар ҳама ҳолат, саривақт ба судҳо равон карда мешаванд.

Масаълан, аз рӯи маводи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати Т.О.С., ки аз ҷониби суди шаҳри П. баррасӣ карда шудааст, дида мешавад, ки аз ҷониби нозири шуъбаи ГОПҲНҶ ШВКД дар шаҳри П.

нисбати охирин 27 сентябри соли 2023 протоколи ҳуқувайронкунии маъмурӣ тартиб дода, бо қарори муовини сардори ШВКД дар шаҳри П. аз ҳамин сана бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст. Бархилофи талаботи меъёри зикргардида парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пас аз 42 рӯз, яъне 8 ноябри соли 2023 барои баррасӣ намудан ба суд ирсол карда шудааст.

Мисоли дигар, аз рӯи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати З.И.Ҷ. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби суди ноҳияи Р. баррасӣ карда шудааст, бармеояд, ки парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ санаи 27 январи соли 2023 оғоз карда шуда, 26 феврали соли 2023 ба суд равон карда шудааст.

Мувофиқи талаботи моддаи 133 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон судяе, ки парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар пешбурдаш қарор дорад, ҳангоми тайёрӣ барои баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ масъалаи протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар протоколҳо дуруст тартиб дода шудаанд ё не, инчунин маводи тибқи Кодекси мазкур пешбинигардидаи парванда дуруст барасмият дароварда шудааст ё не, барои моҳиятан баррасӣ кардани парванда маводи ҷамъовардашуда кифоя аст ё не, инчунин маводи зарурии иловагӣ барои парванда талаб карда гирифта шудааст ё не, муайян менамояд.

Тавре аз мисолҳои дар боло нишондодашуда муайян карда шуд, судяҳои ҷумҳурӣ дар аксар ҳолатҳо ҳангоми тайёрӣ барои баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ масъалаҳои дар меъёри мазкур зикргардидаро, ки барои ҳалли дурусти парванда аҳамият доранд, ба таври дахлдор таҳлил накарда, риояи гардидани талаботи қонунро оид ба пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии

маъмурӣ аз ҷониби шахсони ваколатдори давлатӣ дуруст насанҷида, иҷроиши талаботи сархати сеюми моддаи 133 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин накарда, ҳолатҳои дар боло зикргардидаро бо талаботи сархати ҳафтуми моддаи 134 Кодекси мазкур, ки ҳамчун нодуруст тартиб додани протокол ва барасмият даровардани маводи парванда ба шумор меравbooанд ва асос барои баргардонида парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шуда метавонад, баҳои ҳуқуқӣ надодаанд.

Мувофиқи талаботи моддаи 136 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар муҳлати бист рӯз аз лаҳзаи протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар маводи парвандаро гирифтани судя баррасӣ карда мешавад. Дар сурати ворид шудани дархост аз ҷониби иштирокчиёни парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҳангоми зарурати ба таври иловагӣ муайян кардани ҳолатҳои ин парванда аз ҷониби судя, муҳлати баррасии парванда метавонад на бештар аз як моҳ дароз карда шавад.

Омӯзиши парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нишон дод, ки дар баъзе ҳолатҳо судяҳо ба кашолкорӣ роҳ дода, парвандаҳои мазкурро дар муҳлатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 136 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ накардаанд.

Масъалан, аз маводи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати Б.З.З. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки он 23 августи соли 2023 ба суди шаҳри Б. ворид гардидааст. Судяи суди шаҳри Б. талаботи меъёри мазкурро риоя накарда, бо таъинот аз 23 августи соли 2023 баррасии парвандаро ба рӯзи 15 сентябри соли 2023 таъин намуда, бо гузаронидани муҳлати мурофиавӣ онро 18 сентябри соли 2023 баррасӣ кардааст.

Мувофиқи моддаи 137 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муайян карда мешавад, ки оё иштирокчиёни баррасии парванда бо тартиби муқарраргардида дар бораи вақт ва маҳалли баргузории муҳокима огоҳ карда шудаанд ё не, инчунин сабабҳои ҳозир нашудани иштирокчиёни баррасии парванда муайян карда, аз рӯйи он дар бораи баррасии парванда дар ҳузури ин шахсон ё мавқуф гузоштани баррасии парванда қарор қабул карда мешавад ва ба шахсони иштирокчии баррасии парванда ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо фаҳмонида мешавад.

Омӯзиш нишон дод, ки талаботи меъёри зикргардида на ҳама вақт аз ҷониби судяҳо риоя гардида, ҳуқуқҳои мурофиавии иштирокчиёни баррасии парванда таъмин карда намешаванд.

Масъалан, парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати М.Ж.Ҳ. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суди ноҳияи В. 30 августи соли 2023 ворид гардида, бо таъинот судя аз 30 августи соли 2023 баррасии парванда ба рӯзи 7 сентябри соли 2023 таъин карда шудааст.

Аз протоколи маҷлиси судӣ бармеояд, ки парвандаи мазкур бе иштироки ҳуқуқвайронкунанда М.Ж.Х. баррасӣ карда шуда, дар қабати парванда ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ба таври дахлдор даъват намудани охирин ҷой надорад.

Тибқи талаботи моддаи 141 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарор оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бояд маълумотҳо оид ба вазифа, насаб, ном ва номи падари судя, вақт ва маҳалли баррасии парванда, маълумот дар бораи шахсе, ки нисбати ӯ парванда баррасӣ гардидааст, ҳолатҳое, ки зимни баррасии парванда муқаррар карда шудаанд, моддаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгарии маъмуриро барои содир кардани

ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё асосҳои қатъ кардани пешбурди парвандаро пешбинӣ менамояд, асосноккунии қарор вобаста ба парванда, муҳлат ва тартиби шикоят кардан ва эътироз овардан ба қарор, нишон дода шаванд.

Омӯзиши парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии категоряи зикргардидида нишон дод, ки судяҳо дар аксар мавридҳо талаботи меъёри зикргардидаро ба таври дахлдор таъмин накарда, маълумотҳои дар он пешниҳодшударо нопурра ва хатто дарҷ намуда ё пайдарҳамии онҳоро дар қарорҳо риоя намекунанд.

Масъалан, аз қарори судяи суди ноҳияи Н. аз 18 сентябри соли 2023 нисбати Н.Д.Қ. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки дар он насаб, ном ва номи падари судя ба пуррагӣ сабт нагардида, танҳо насаб бо ишора ба ҳарфҳои аввали ном ва номи падар оварда шудааст. Инчунин, судя дар қисми хулосавии қарор ҳарчанд муҳлат ва тартиби шикоят кардан ва эътироз овардан ба қарорро нишон дода бошад ҳам, аммо тибқи талаботи моддаи 148 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он шахсоне, ки мутобиқи моддаҳои 26-30 ва 36 Кодекси мазкур метавонад шикоя ё эътироз пешниҳод намоянд, ишора карда нашудааст.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 142 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи қарор дар муҳлати се рӯзи баъди қабули он ба ҳуқуқвайронкунанда, намояндаи ӯ, инчунин ба ҷабрдида бо гирифтани дастхат супорида мешавад.

Тавре омӯзиш нишон дод, талаботи меъёри мазкур на дар ҳама ҳолат риоя гардида, нусхаи қарор дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун ба тарафҳо супорида мешавад.

Масъалан, бо қарори судяи суди ноҳияи В. аз 30 октябри соли 2023 Қ.Ҳ.А. бо моддаи 931 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, нисбаташ ҷазои дар

намуди ҷарима таъин карда шудааст. Лекин, нусхаи он ба ҳуқувайронкунанда дода нашуда, тавассути почта низ ирсол карда нашудааст.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида ягона набуда, онҳо дар барасмиятдарории пешбурди мурофиавии аксарияти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии категоряи зикргардида, ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ баррасӣ гардидаанд, ҷой доранд ва ба назари эътибор гирифтан ва мавриди корбарӣ қарор додани ҳаллӣ онҳо ба тамоми судяҳои судҳои умумии кишвар дахл дорад.

Аз ин рӯ ҷамъбастии мазкурро ба охир расонида, аз натиҷаи он пешниҳод менамоем, ки ҷиҳати пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ баррасии парвандаҳои маъмурӣ бештар дар мурофиаҳои сайёри судӣ, дар ҷои кор ё истиқомати ҳуқуқвайронкунандагон ба роҳ монда шаванд.

Ҳамчунин, аз натиҷаи ҷамъбастии мазкур ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани камбудию нуқсонҳое, ки аз ҷониби шахсони мансабдори ваколатдори давлатии барасмиятдарории чунин парвандаҳо ва судяҳо зимни баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ роҳ додаанд ва омилҳое, ки ба қонуншиканиҳо дар ин самт мусоидат намудаанд, ба Вазорати корҳои дохилӣ пешниҳод ирсол карда шавад.

Ҷамъбастии мазкур ба таваҷҷуҳи судяҳои судҳои ҷумҳурӣ дар машғулиятҳои семинарие, ки дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе рӯзҳои ҷумъаи охири ҳар моҳ гузаронида мешаванд, расонида шавад.

**Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олӣ**

## Ҷ А М Ъ Б А С Т И
## сабабҳои бекоршавии санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

Тибқи банди 10-и Нақшаи кории Суди Олӣ дар нимсолаи якуми соли 2024 аз ҷониби коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва раёсати омор ва ҷамъбасти амалияи судии Суди Олӣ омӯзиши сабабҳои бекоршавии санадҳои судии судҳои ҷумҳурӣ дар соли 2023 вобаста ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гузаронида шуд.

Омӯзиш нишон дод, ки сабабҳои бекоршавӣ ва тағйир додани санадҳои судии судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ асосан риоя накардани талаботи қонунгузории мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, яъне ҳамаҷониба, пурра ва холисона набурдани тафтиши судӣ, нодуруст татбиқ карда шудани қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва мувофиқат накардани хулосаи суд ба ҳолатҳои воқеии парванда мебошанд.

Масалан, бо қарори судяи суди шаҳри Ҳ. аз 7 декабри соли 2022 Қ.Д.А. бо моддаи 460 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ҷазои ҷарима ба андозаи ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 448 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Бо таъиноти коллегияи судӣ оид бо парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олӣ аз 31 январи соли 2023 қарори зикргардида бекор карда шуда, парванда барои баррасии нави судӣ ба ҳамон суд дар ҳайати дигар фиристонида шудааст.

Қ.Д.А. барои он ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудааст, ки дар асоси якдигарнофаҳмии оилавӣ

(мунокиша ва ҷангу ҷанҷол) тариқи шабакаи иҷтимоии «Вотсап» нисбати шаҳрванд Қ.Ф. дашномҳои қабеҳи ғайриинсонӣ навишта, онро тариқи паёмак равон карда, шаъну шарафи охиринро паст задааст.

Мувофиқи талаботи моддаи 23 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҷавобгарии маъмурӣ аз ҷониби шахси воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқӣ содир шудани кирдорест, ки тамоми аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкунии маъмурии пешбиникардаи Кодекси мазкурро дар бар гирад.

Тавре аз маводи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бармеояд, Қ.Д.А. нисбат ба Қ.Ф. таввассути барномаи интернетии «Вотсап» дашномҳои қабеҳ нависонида, оиди ин ҳолат касе огоҳ нашудааст ва тартиботи ҷамъиятӣ низ вайрон нагардидааст.

Суди марҳилаи якум бошад, ҳолатҳои зикргардидаро мадди назар намуда, онро дар муқоиса бо диспозитсияи моддаи 460 ва талаботи моддаи 23 Кодекси хуқуқвйронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои дурусти ҳуқуқӣ надода, бармаҳал қарори зикргардидаро қабул намудааст.

Ҳолатҳои зикргардида аз мувофиқат накардани хулосаи суд, ки дар қарор баён шудааст, ба ҳолатҳои воқеии парванда ва нодуруст татбиқ карда шудани қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шаҳодат медиҳанд ва мутобиқи талаботи сархатҳои дуюм, чоруми моддаи 169 Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои бекор кардани қарори судӣ мегарданд.

Мисоли дигар, бо қарори суди шаҳри Н. аз 3 апрели соли 2023 А.С.Ҳ. бо моддаи 510 қисми 2 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ҷазои ҷарима ба андозаи 60 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 4080

сомонӣ ба фоидаи давлат, бе мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ таъин карда шудааст.

Бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии суди вилоят аз 25 майи соли 2023 қарори суди марҳилаи якум бетағйир мононда шудааст.

Бо қарори коллегияи судӣ оид бо парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олӣ аз 10 октябри соли 2023 санадҳои судии зикргардида тағйир дода шуда, нисбати охирин ҷазои ҷарима ба андозаи 20 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 1360 сомонӣ ба фоидаи давлат муқаррар карда шудааст.

Мувофиқи талаботи қисми 1 моддаи 48 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои маъмурӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар доираи муқаррароти Кодекси мазкур таъин карда мешавад.

Санксияи моддаи 510 қисми 2 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то бист ва барои соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд аз шаст то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷазои ҷарима пешбинӣ намудааст.

Тавре аз маводи парванда дида мешавад, бо фармоиши роҳбари Муассисаҳои кумаки аввалияи тибию санитарии шаҳри Н., аз 1 декабри соли 2021 А.С.Ҳ. ба ҳайси табиби ташхиси ренгении шуъбаи нурҳои ренгении Маркази саломатии шаҳри Н. ба кор қабул карда шудааст. Бо қарор аз 17 феврали соли 2023 нисбати А.С.Ҳ. ҳамчун шахси воқеӣ парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст. Аммо, суди марҳилаи якум ҳолатҳои зикргардидаро мадди назар намуда, ба ҳолатҳои воқеии парванда баҳои дурусти ҳуқуқӣ надода, нисбати А.С.Ҳ. ҳамчун соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси

шаҳодатнома фаъолият менамоянд, ҷазо ҷарима ба андозаи 60 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 4080 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин намудааст.

Ҳол он ки вазифаи ишғолнамудаи А.С.Ҳ. дар Муассисаҳои кумаки аввалияи тибию санитарии шаҳри Н. фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор нарафта, табиби ташхиси ренгенӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайди давлатӣ гирифта намешавад ва қонунгузор низ барои амалӣ намудани он гирифтани патент ё шаҳодатномаи соҳибкориро пешбинӣ накардааст.

Ҳолатҳои зикргардида аз нодуруст татбиқ карда шудани қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шаҳодат дода, мутобиқи талаботи сархати чоруми моддаи 169 ва моддаи 192 Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои тағйир додани қарори судӣ мегардад.

Суди марҳилаи кассатсионӣ дар навбати худ ҳолатҳои мазкурро ба эътибор нагирифта, қарорро бармаҳал бетағйир монондааст.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи омӯзиши сабабҳои бекоршавӣ ва тағйирёбии санадҳои судӣ муайян карда шуд, ки аз тарафи судяҳои судҳои ҷумҳурӣ зимни баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳамаи ҳолатҳои кор вобаста ба парванда ба пуррагӣ санҷида ва баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода намешаванд, ки дар натиҷа яктарафа ва ё нопурра будани тафтишоти судӣ, мувофиқат накардани хулосаи суд ба ҳолатҳои воқеии парванда, ба таври ҷиддӣ вайрон карда шудани қонунгузории мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, нодуруст татбиқ карда шудани қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ сабабҳои бекоршавӣ ва тағйирёбии қарорҳои судӣ гардидаанд.

Ҷамъбасти сабабҳои бекоршавии санадҳои судӣ оид

ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар соли 2023 ба анҷом расонида, пешниҳод менамоям, ки сабабҳои бекоршавии санадҳои судӣ ва натиҷаи он дар машғулиятҳои семинарии судяҳои ҷумҳурӣ мавриди муҳокима қарор дода шавад.

**Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олӣ**

Нашрияи

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№ 2, 2024

Бюллетень

Верховного Суда Республики Таджикистан

Мусаҳҳеҳ – Қадамов Икром Муборакшоҳович
Ҳуруфчӣ – Исмоилзода Шокирҷон Шариф

Ба чоп _______ имзо шуд. Формат 60 х84 1/8 32 в.ш.ч.
Қоғази офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman 12.
Адади нашр 500 нусха.

Дар ҶДММ «___________» чоп шудааст.